**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D КОА-026-и назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"**

**дар бораи диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

*Парвандаи аттестатсионии № 5*
*Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 4-уми марти соли 2023, № 5*

**Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Диссертатсияи номзадии Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзӯи «Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков, 1) аз санаи 16-уми декабри соли 2022 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович соли таваллудаш 1985, зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик, соли 2008 Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро бо ихтисоси муаллими математика-информатика хатм кардааст.

Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович аз таърихи соли 2018, бо қарори №5 аз 25.12.2018 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент қабул гардида, кори илмиашро дар кафедраи мазкур ба анҷом расонидааст.

Меҳроҷидин Худойназаров баъд аз хатми донишкада фаъолияти омӯзгориашро дар худи ҳамон донишкада оғоз намуда, солҳои 2008-2010 ба ҳайси муаллими фанни математика-информатика ва солҳои 2010-2014 ҳамчун мутасаддии таъминоти таҷҳизотӣ ва барномавии донишкадаи мазкур кору фаъолият кардааст. Маҳз кордонӣ ва донишу маърифати тахассусии мавсуф сабаб гардидааст, ки раёсати донишкада вазифаи декани факултети гоибонаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро аз соли 2014 то имрӯз ба зиммаи ӯ гузоштааст. Мавсуф дорандаи унвон ва медали сарисинагии "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад.

Мавзӯи рисолаи илмии Худойназаров Меҳрожидин дар асоси қарори Шӯрои олимони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент аз 25.12.2018, №5 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин санаи 15-уми январи соли 2022 дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент муҳокима ва тасдиқ гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки 3-тои он дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР эътирофгардида ба табъ расидаанд.

**Роҳбари илмии унвонҷӯ –** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" - **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** мебошад.

**Муқарризи расмии аввал** – доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон - **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович;**

**Муқарризи расмии дуюм –** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон - **Туев Шоҳин Шоевич;**

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Дар тақризи пешниҳоднамудаи муассисаи тақриздиҳанда, ки бо имзоҳои: раиси ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторов А.Қ., роҳбари семинари илмӣ-назариявии кафедра, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Т.А., эксперт номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Арбобова Ф.А. ва котиби ҷаласа – сармуаллима Қурбонова Ҷ.А. расидааст, диссертатсия мусбат арзёбӣ гардидааст.

Аз ҷумла дар тақриз қайд гардидааст, ки диссертатсияи пешниҳоднамудаи Худойназаров Меҳроҷиддин барои ташаккул ва рушди бархӯрди нав дар истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад мусоидат намояд ва натиҷаҳои санҷиши таъйиди тадқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ мекунад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст. Хулосаҳо тибқи вазифаҳои дарназаргирифтаи таҳқиқот асоснок шуда, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтааст ва муаллиф дорои қобилияти хуби илмофарӣ мебошад. Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзиши илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад. Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳми назаррас мегузоранд.

Диссертатсияи Худойназаров Меҳроҷиддин Ашӯрович таҳти унвони **«Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** кори мустақилонаи тахассусии баанҷомрасида ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байнидонишгоҳӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо

муҳокимаву баррасӣ гардида, дар 8 интишорот, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳое, ки ба феҳристи маҷаллаву нашрияҳои аз ҷониби КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Руссия тавсияшаванда дохиланд, инъикос ёфтаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. **Худойназаров М.А.** Теоретические основы и особенности развития научного мировоззрения учащихся общеобразовательных учреждений Республики Таджикистан. Вестник Таджикского национального университета. №4. 2021.-С.226-233. ISSN 2074-1847.

[2- М]. **Худойназаров М.А.** Разработка и использование электронного учебника как эффективного средства инновационных технологий обучения в развитии научного мировоззрения учащихся. Вестник Таджикского национального университета. №5. 2021.-С.217-224. ISSN 2074-1847.

[3-М]. **Худойназаров М.А.** Эффективность содержания опытно-экспериментальной работы по развитию научного мировоззрения учащихся на основе использования инновационных технологий обучения в процессе обучения. Вестник Таджикского национального университета. №6. 2021.-С.244-252. ISSN 2074-1847.

***2. Мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои дигар:***

[4-М]. **Худойназаров М.А.** Системы дистанционного обучения молодежи в Таджикском педагогическом институте. Материалы международной научно-практической конференции: "Факторы совершенствование социальной активности молодежи в процессе развития гражданского общества". Республика Узбекистан г. Самарканд 29,30 ноября 2018.-С.240-246.

[5-М]. **Худойназаров М.А.** Самаранокии робитаҳои байнисоҳавии фанҳои математикӣ ва нақши он дар такмили фаъолияти фикрии донишҷӯён. Махзани илм. Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. №2. Апрели соли 2021.-С.124-128.

[6-М]. **Худойназаров М.А.** Эффективность межпредметных связей математических дисциплин её роль в повышения мыслительной деятельности студентов. Science and practice: implementation to modern society №51 04/2021 Manchester. Great Britain.-С.146-152.

[7-М]. **Худойназаров М.А.** Мультимедиа-технологии – одно из перспективных и популярных направлений информатики. Participationin the IIIInternational Scientificand Practical Conference. Global and regional aspects of sustainable development heldon May4-5,2021 in Copenhagen, Denmark.

[8-М]. **Худойназаров М.А.** Инновационные технологии обучения как важный фактор эффективности учебного процесса. Республиканская научно-практическая конференция посвящённая изучению и развитию естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования 2020-2040 гг. на тему: «Актуальные проблемы естественных, точных и математических наук в развитии промышленности страны». г. Б у с т о н – 2022.-С.142-146.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ба унвони Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Тақриз ба автореферати **Худойназаров М.А.** аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ,

дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Файзализода Баҳрулло Файзалӣ навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯ комилан мусбат арзёбӣ шуда, онро ҳамчун кори шоиста ба нашри монографӣ пешниҳод кардааст.

Ҳамчунин ба унвони Шӯрои диссертатсионӣ тақриз ба автореферат аз ҷониби **номзади** илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои риёзӣ-табиатшиносии муосири ДДҲБСТ– **Азимова Н.С.** ирсол шудааст. Муқарриз эрод надорад ва рисолаи илмиро кори анҷомёфтаи тахассусӣ ва муаллифашро сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ донистааст.

Тақризи дигар ба автореферат аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба корҳои тарбияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дотсент – **Аминҷонова М.С.** навишта шудааст, ки муқарриз асосҳои назариявии мавзӯи тадқиқкардаи Худойназаровро кори тахассусии судманди анҷомёфта ҳисобида муаллифашро сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ донистааст. Тақриз эрод надорад.

Тақриз ба автореферат аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, сармуаллимаи кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон – **Насриддинова М.М.** навишта шудааст. Муқарриз таҳқиқоти унвонҷӯ Худойназаров Меҳроҷиддинро кори илмии анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро комилан мусбат арзёбӣ намудааст. Тақриз эрод надорад.

**Муассисаи тақриздиҳанд**а низ яке аз марказҳои илмии бонуфузу шуҳратёфтаи ҷумҳурӣ ба шумор омада, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили мухталифи педагогика ва психология хеле маъруф гардидааст.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ аз ҷумла корҳои зерин иҷро шудаанд:**

- Муайян кардан ва ошкор намудани шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон;
- Коркард ва тариқи таҷриба санҷида баромадани амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон;
- таҳия ва коркарди таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон;
- озмоиши санҷишӣ ва таҷрибавии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ва ғайра.

**Ғояи пешбари таҳқиқотро метавон чунин баён намуд:**

Ғояи пешбар дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар фаъолияти таълиму тадриси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим маҳсуб мешавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок шудааст, ки дар он:**

Натиҷаҳои баъди таҳқиқоти мазкур ба даст омада дар ҷанбаи назариявии таълиму тарбияи хонандагон саҳми муайян мегузоранд, кадоме, ки ба рушди характери шахсияти хонанда нигаронида шудааст, мафҳумҳои асосии «ҷаҳонбинии илмӣ» ва принсипи сохтори ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагонро пурра месозад. Сохтори ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самаранокии кор оид ба ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон мусоидат мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

– маводҳои дидактикӣ дар шакли адабиёти электронӣ, модули ҷадвалии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон омода карда шудааст;

– дастурҳои методӣ оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар раванди таълим таҳия шудаанд;

– натиҷаҳои ҳосилшуда метавонад чун базаи иттилоотӣ барои таҳияи монография ва дастурҳои таълимӣ-методӣ аз рӯи мавзӯи марбут ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз инҳо иборат аст, ки** иштироки бевоситаи муаллиф дар тамоми давраҳои таҳқиқот, банақшагирӣ, интихобу асосноккунии мавзӯъ, таҳияи сохтори рисола, муайян сохтани ҳадаф, вазифа, объекту предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ аз рӯи мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва батартибдарории натиҷаҳои таҷриба, чун базаи таҷрибаи маълумот ва коркарди он, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти таҷриба, омода ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ҳосилшуда ва навиштани рисола аст.

**Диссертатсия** аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад. Банди 1 – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), банди 6 – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), банди 7 – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 9 нафар иштирокчиёни ҷаласа, аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

**Тарафдори додани дараҷаи илмӣ - “9 нафар”;**

**Муқобили додани дараҷаи илмӣ - “нест”;**

**Бюллетенҳои беэътибор - “нест”.**

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҳамробоев Н.А.